**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати рисолаи Муродова Моҳира Ҳусеновна дар мавзӯи “Баҳодиҳии маҳсулнокии гӯсфандон аз рӯи нишондиҳандаҳои биохимиявии хун”, барои дарёфти дарачаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯи ихтисоси 03.01.04 - Биохимия**

Рисолаи мазкур ба яке аз самтҳои асосии истеҳсол намудани пашми хушсифати дар саноат истифодашаванда, яъне гӯсфандони зоти тоҷикӣ бахшида шудааст, ки ин зоти гӯсфандон пашми нимдурушти сафеди қолинбоб доранд. Муайян намудани сафедаҳои таркиби зардоби хун ва нишондиҳандаҳои иммунологии хун барои пешгӯйӣ намудани аломатхои аз нигоҳи хоҷагӣ фоидаовари гӯсфандон имкон медиҳанд, ки кучкорҳои наслдиҳанда аз рӯи нишондиҳандаҳои тести физиологию биохимиявӣ интихобшуда, гарави дар оянда гирифтани баррачаҳои хушзоти солим гарданд.

Бо мақсади пешгӯйӣ намудани самтҳои маҳсулнокӣ, махсусан пашми хушсифат дар баррачаҳо, истифода бурдани тестҳои биохимиявӣ аз фоида холӣ нест. Истифода бурдани тестҳои биохимиявӣ имкон медиҳад, ки маҳсулнокииояндаи чорво пешгӯйӣ карда шавад. Олимон барои муайян намудани суръати рушди гӯсфандон ва хусусиятҳои биологии баррачаҳои наврас, тағйирёбии миқдори умумии сафедаҳоро дар зардоби хун, ки бо омилҳои ирсӣ вобаста аст, истифода намудаанд.

Барои муайян намудани миқдори умумии сафедаҳо аз усули колориметрӣ, фотометрии биохимиявӣ ва дигар усулҳои биохимиявӣ истифода бурда шудааст, ки он боваринокии натиҷаҳои ба даст овардаи муаллифро хеле зиёд менамояд.

Таҳлили натиҷаҳои ӯ нишон додааст, ки омӯзиши нишондиҳандаҳои системаи полиморфии сафедаҳои зардоби хун ва алоқамандии онҳо бо баъзе аз аломатҳои миқдорӣ дар гӯсфандони зоти тоҷикӣ яке аз нуқтаҳои асосии рисола ба ҳисоб меравад. Муаллиф баён менамояд, ки хун дар раванди мубодилаи моддаҳо ва гузаштани равандҳои биохимиявӣ дар

организм накши муҳимро ичро менамояд. Дар раванди ҳаёти нишондиҳандаҳои биохимиявӣ аз ҷумла микдори умумии сафедаҳо дар зардоби хун тағйирёбандаанд. Ба таври мукаммал омӯхтани ҷараёни мубодилаи модда ва тағйиротҳои физиологӣ дар организм ва равон намудани он ба як самти муайян бе донистани ҳаматарафаи хусусиятҳои умумии сафедаҳои таркиби хун, имконнопазир мебошад. Аз ин лиҳоз, муаллиф омӯзиши омилҳои биохимиявии зардоби хуни гӯсфандони зоти тоҷикиро зери омӯзиш қарор додааст ва натиҷаҳои бадастомадаро илман асоснок намуда муҳокима намудааст.

Дар зербоби омӯзиши тағйирёбии миқдори умумии сафедаҳо ва ҳиссаҳои он дар зардоби хуни гӯсфандони зоти тоҷикӣ муаллиф алоқамандии метаболитикии нишондиҳандаҳои зардоби хун байни синну соли барраҷаҳои зоти тоҷикӣ вобаста ба ҷинсро нишон додааст. Консентратсияи нисбатан пасти сафедаҳои умуми дар зардоби хуни гӯсфандони зоти тоҷикӣ ва барраҷаҳои модинаи якмоҳаи ҷинсашон гуногунро қайд намудааст. Ошкор гардидааст, ки байни маҳсулнокӣ ва микдори умумии сафедаҳо корелятсия вуҷуд дорад.

Инчунин, муаллиф омӯзиши миқдори умумии сафедаҳоро дар зардоби хуни гӯсфандони зоти тоҷикӣ дар синну соли гуногун, ҷинс ва вазни зинда пешниҳод намудааст, ки ин натиҷаҳо аз нигоҳи имлӣ арзиши баланд доранд. Дар зербоби омӯзиши нишондиҳандаҳои гематологӣ хун дар барраҷаҳои зоти тоҷикӣ муаллиф нишон додааст, ки нишондиҳандаҳои гематологии хун бо маҳсулнокии ояндаи чорво алоқаманд мебошанд. Инчунин, алоқамандии коррелятсионии сафедаҳои полиморфиро бо пашми тарошидашуда нишон додаст, ки ин алоқамандӣ аз ҳамбастагии гурӯҳи муайяни генҳо гувоҳӣ медиҳад.

Дар зербоби омӯзиши таносуби тағйирёбии аллелҳои гурӯҳи хун, вобаста аз индекси монандии антигенҳои волидайн дар гӯсфандони зоти тоҷикӣ муаллиф нишон додаст, ки аз рӯи натиҷаҳои бадастомада ҳолати иммунологии барраҷаҳо ва маҳсулнокии ояндаи онҳо аз бузургии индекси монандии антигенҳои волидайн вобаста мебошад.

Дар баробари комёбиҳои дар рисола ҷойдошта баъзе аз камбудиҳо низ ҷой доранд:

1. Хуб мешуд, ки дар кори пешниҳодшуда доираи омӯзишро васеъ намуда, дигар намудҳои ҷорво ва зотҳои дигари гӯсфандонро дар муқоиса истифода менамуданд.
2. Дар матни рисола хатогиҳои имлоӣ ҷой дода шудааст.

Рисолаи Муродова Моҳира Ҳусеновна мувофиқи банди 30-юми фасли 3-юми Низомномаи намунавӣ оид ба шуроҳои диссертатсионӣ доир ба "Пешниҳод ва ҳимояи диссертатсияҳо" (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми ноябри соли 2016, тахти №505) ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои ҳимоя бо мақсади дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ, аз рӯи ихтисоси 03.01.04 - Биохимия сазовор аст.

**Мудири кафедраи биолгияи**
**Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон**
**дар ноҳияи Рашт**
**номзади илмҳои биологӣ, дотсент** **Ҳусейнов Умарҷон Мирхоҷаевич**

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**н. Рашт, хиёбони Эмом Муҳиддин, 63**
**индекс 734025**
**Тел.: +992 988888262**
**E-mail: umarjon_0091@mail.ru**

**Имзои У.М. Ҳусейновро тасдиқ мекунам:**
**Сардори раёсати кадрҳо ва**
**корҳои махсуси ДОТ дар ноҳия Рашт** **Шодизода Н.М.**
23.05.2023